**5.1.2 (12. 00.14) ПУБЛИЧНО-ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ) НАУКИ**
**5.1.2 ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ. МУРОФИАИ МАЪМУРӢ. ИЛМҲОИ ОММАВӢ-ҲУҚУҚӢ**
**5.1.2 PUBLIC-LEGAL (STATAL-LEGAL) SCIENCES**
***УДК 342***
***DOI 10.24412/3005-8023-2025-2-20-26***

# МАҶБУРСОЗИИ МАЪМУРӢ ҲАМЧУН УСУЛИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

***Дониёров Парвиз Худоёрович,*** *унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРИНУЖДЕНИЕ КАК МЕТОД ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ

***Дониёров Парвиз Худоёрович,*** *соискатель кафедры конституционного права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# ADMINISTRATIVE COERCION AS A METHOD OF PUBLIC ADMINISTRATION

***Doniyorov Parviz Khudoyorovich,*** *applicant of the department of constitutional law of the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***e-mail:*** *doniyrov.parviz@mail.ru*

*Асосҳои танзими ҳуқуқӣ ва амалияи татбиқи чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ ҳамчун яке аз усулҳои амалигардонии идоракунии давлатӣ ба риштаи таҳлил кашида шуда, мазмун, хусусият ва функсияҳои он баррасӣ шудааст. Бо дарназардошти андешаҳои олимони соҳа, таҳлили қонунгузории маъмурии ватанӣ ва хориҷӣ, хусусиятҳои асосии маҷбурсозии маъмурӣ ва роҳҳои такмили қонунгузории соҳаи мазкур пешниҳод шудааст. Зикр гардидааст, ки олимон вобаста ба объекти таъсиррасонӣ маҷбурсозиро ба намудҳои равонӣ, моддӣ, ташкилӣ ва ҷисмонӣ ҷудо мекунанд. Ҳамчунин маҷбурсозии қонунӣ ва ғайриқонуниро низ фарқ менамоянд.*

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии давлатӣ, маҷбурсозии маъмурӣ, ҳуқуқвайронкунӣ, маҷбурсозии равонӣ, маҷбурсозии моддӣ, маҷбурсозии ташкилӣ, маҷбурсозии ҷисмонӣ, кодекс*

*Анализируются основы правового регулирования и практика применения мер административного принуждения как одного из методов осуществления государственного управления, рассматриваются его содержание, особенности и функции. С учетом мнений ученых в данной области представлен анализ отечественного и зарубежного административного законодательства, основные черты административного принуждения, пути совершенствования законодательства в данной сфере. Отмечено, что ученые в зависимости от объекта воздействия подразделяют принуждение на психологическое, материальное, организационное и физическое. Они также проводят различие между законным и незаконным принуждением.*

***Ключевые слова:*** *государственное управление, административное принуждение, психологическое принуждение, материальное принуждение, организационное принуждение, физическое принуждение*

*The article deals with the foundations of legal regulation and the practice of applying administrative coercion measures as one of the methods of implementing public administration, considers its content, features and functions. Taking into account the opinions of scientists in this area, there are presented the analysis of domestic and foreign administrative legislation, the main features of administrative coercion, and ways of improving legislation in this area. It is noted that scientists, depending on the object of influence, divide coercion into psychological, material, organizational and physical. They also distinguish between legal and illegal coercion.*

***Key-words:*** *public administration, administrative coercion, psychologic coercion, material coercion, organization coercion, physical coercion*

Дар ҳама давру замон рушди устувори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа аз самаранокии сиёсати ҳуқуқии давлат вобастагӣ дорад.

Аз мазмун ва муҳтавои банди 16 «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028» бармеояд, ки алҳол бо вуҷуди рушд ёфтани идоракунии давлатӣ ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои ба он алоқаманд зарурати такмил додани механизмҳои танзими идоракунии давлатӣ, такмили усулҳои амалигардонӣ, барасмиятдарорӣ ва татбиқи он ба миён омадааст [3]. Дар ин самт ба андешаи мо, ҳамчунин, баъзе паҳлуҳои дигари амалигардонии усулҳои идоракунии давлатӣ, аз ҷумла татбиқи ҷазои маъмурӣ, истифодаи чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ нисбати ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ба такмил ниёз дорад.

Мутобиқи маълумоти оморӣ дар ҳудуди Тоҷикистон соли 2024 барои риоя нагардидани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак» 27782 ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба қайд гирифта, нисбати 4135 нафар шаҳрванд ҷазои маъмурӣ дар шакли огоҳӣ ва ба 23670 нафар дар ҳаҷми 6 миллиону 31 ҳазору 831 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ баста шудааст [22]. Ё ин ки тибқи маълумоти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2024, дар умум, 1912 ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 443 адад зиёд мебошад [23].

Маълумоти омории мазкур нишон медиҳад, ки ҳарчанд шумораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ нисбати солҳои гузашта зиёд шуда бошад ҳам, лекин чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ва шахсони мансабдори он татбиқ гашта истодаст, беҳбудӣ мехоҳанд. Ҳамзамон, дар қонунгузории маъмурии ватанӣ мушкилоти таносуб ва алоқамандии чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ ва ҷавобгарии маъмурӣ ба чашм расида, муҳиммияти масъалаи баррасишавандаро бори дигар исбот менамоянд.

Маълум аст, ки амалигардонии функсияҳои давлат тавассути усулҳои гуногуни идоракунии давлатӣ ба роҳ монда мешавад.

Дар илми назарияи давлат ва ҳуқуқ усулҳои амалигардонии функсияи давлат ҳамчун тарзу воситаҳое эътироф шудаанд, ки тавассути онҳо мақомоти давлатӣ вазифа ва мақсадҳои худро дар амал татбиқ менамоянд [21, с. 188].

Олими ватанӣ Х.О. Ойев чунин мешуморад, ки усули идоракунӣ имконият медиҳад то ба саволҳои зерин посух дода шавад: чӣ гуна идоракунӣ бояд ба роҳ монда шавад? Чӣ гуна функсияҳои он амалӣ гарданд? Бо истифода аз кадом воситаҳо субъект қодир аст ба объект таъсир расонад? Ба кадом объекти идоракунӣ чӣ гуна бояд таъсир расонида шавад, то ки самара ба бор оварад? [14, с. 331].

Муҳаққиқи рус Ю.М. Козлов таъкид менамояд, ки «усулҳои идоракунии давлатӣ, ин тарзу воситаҳои амалисозии вазифаҳо ва функсияҳои ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти мақомоти иҷроия ва шахсони мансабдори он мебошад» [12, с. 136].

Ба андешаи мо усулҳои идоракунии давлатӣ яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва роҳи амалисозии функсияҳои идоракунии давлатӣ буда, ҳамчун воситаи таъсиррасонии мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ ба объектҳои идорашаванда арзёбӣ мегардад.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ шаҳодат медиҳад, ки ҳарчанд ба баррасӣ ва таҳлили усулҳои идоракунии давлатӣ олимони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла С.И. Иброҳимов [11], Х.О. Ойев [14], Б.Х. Раззоқов [15], Ғ.Б. Санавваров [16], С.С. Алексеев [4], В.Д. Арашкин [5], И.И. Веремеенко [8,9], М.И. Еропкин [10], Ю.М. Козлов [12], А.Н. Крамник [13], И.Д. Фиалковская [20] машғул

шуда бошанд ҳам, то ҳол масъалаи мазкур ба таври бояду шояд ҳаллу фасл нашудааст. Зеро муаммои муайян намудани мафҳум, мазмун ва роҳҳои татбиқи он дар идоракунии давлатӣ бевосита бо дигар категорияҳои ҳуқуқии соҳа, ба монанди функсияҳои идоракунии давлатӣ, мақсад ва шаклҳои идоракунии давлатӣ алоқаманд мебошад.

Равиши мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки муносибати байни функсия ва мақсад, шакл ва усул дар илми ҳуқуқи маъмурӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Зикр намудан бамаврид аст, ки дар илми ҳуқуқи маъмурӣ таносуб ва алоқамандии мафҳумҳои «функсия», «мақсад», «шакл» ва «усул» дар низоми идоракунии давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Аммо пеш аз муайян кардани таносуб ва алоқамандии онҳо, ба андешаи мо, бояд аниқ кард, ки кадом усулҳо мавриди баррасӣ қарор доранд, усулҳои мазкур чӣ хусусият доранд ва бо кадом шакл дар идоракунии давлатӣ истифода бурда мешавад?

Вобаста ба масъалаи мазкур дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ андешаҳои мухталиф мавҷуданд. Масалан, олими рус И.Д. Фиалковская менависад, ки функсияҳо ва усулҳо мазмуни идоракунии давлатиро ташкил медиҳанд [20, с. 5].

Ю.Н.Старилов чунин андеша дорад, ки усули идоракунӣ ҳатман дар шакли идоракунӣ ифодаи худро меёбад. Агар шакли идоракунӣ набошад, усулҳо тамоми маънои худро гум мекунанд ва танҳо дар ғояҳо боқӣ мемонанд [18, с. 382].

Аз ин андешаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар бештар мавридҳо, усулҳои идоракунӣ бо шаклҳо ё функсияҳо бо ҳам омехта ва ё якхела муайян ва тавсиф карда мешаванд. Ҳамзамон, дар бораи муҳиммият ва мавқеи усулҳо дар низоми идоракунии давлатӣ фикру андешаҳои гуногун мавҷуданд.

Дар ҳамин асос, агар андешаҳои олимони мазкурро ҷонибдорӣ намоем, усул бе шакл (ва шакл бе усул) вуҷуд дошта наметавонад, пас маълум мешавад, ки равишҳои пешниҳодкардаи муаллифон дар бобати муайян кардани низоми шаклу усулҳо ба он мувофиқ нестанд. Яъне тибқи таснифоти зикршуда муносибатҳо дар соҳаи идоракунии давлатӣ метавонанд шакли мустақил дошта, аммо усули ба худ хос надошта бошанд. Масалан, таъин намудани ҷаримаи маъмурӣ шакли ҳуқуқӣ дошта, дар он усули маҷбурсозии маъмурӣ истифода мешавад, аммо додани иҷозатнома шакли ҳуқуқӣ дошта бошад ҳам, дар он усул дида намешавад.

Бояд зикр намуд, ки давлат барои амалӣ намудани вазифаҳо ва иҷрои функсияҳои худ усулҳои гуногун, аз қабили усулҳои умумӣ ва махсусро истифода мебарад. Аммо бо назардошти он, ки восита ва тарзҳои амалигардонии функсияҳои идоракунии давлатӣ гуногун мебошанд, олимону муҳаққиқон онҳоро вобаста ба хусусияташон гуруҳбандӣ кардаанд.

Дар идоракунии давлатӣ усулҳои маъмули боваркунонӣ ва маҷбурсозӣ татбиқ карда мешаванд, ки дар аксар маврид онҳо на танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ, балки бо меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқи дигар низ танзим карда мешаванд.

Масалан, усули боваркунонӣ дар илмҳои ғайриҳуқуқӣ аз ҷумла фалсафа ва психология, мавриди таҳқиқи олимон қарор гирифтааст, ки дар умум аз бисёрҷониба ва мураккаб будани он шаҳодат медиҳад. Лекин як ҳолатро бояд ба инобат гирифт, ки маҳз тавассути усули боваркунонӣ иродаи давлат, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифодаи худро меёбад, бо иродаи халқ мувофиқ карда мешавад. Дар ҳамин асос, усули мазкур бештар дар меъёрҳои маъмурӣ – ҳуқуқӣ мустаҳкам карда мешавад.

Бо ҷонибдорӣ аз андешаҳои олими рус Д.Н. Бахрах иброз медорем, ки боваркунонӣ бояд нисбати ҳамаи шаҳрвандон ба таври мунтазам истифода гардад, зеро он дар оқибат ба одати риоя ва таъмини волоияти қонун оварда мерасонад [7, с. 424].

Тавре ки дар боло зикр кардем, дар амалигардонии идоракунии давлатӣ маҷбурсозии маъмурӣ мақоми калидӣ дорад, зеро дар назарияи ҳуқуқи маъмурӣ бар хилофи дигар усулҳои идоракунии давлатӣ, таҳқиқот оид ба маҷбурсозии маъмурӣ диққати олимонро

бештар ба худ ҷалб кардааст.

И.Т Тарасов менависад, ки «маҷбурсозӣ яке аз усули фаъолияти идоракунӣ буда, мақомоти давлатӣ ҳангоми амалисозии фаъолияти қонунии худ агар дучори муқовимат гарданд, барои бартараф намудан, аз он истифода мебаранд» [19, с. 188].

Аз андешаи мазкур чунин хулоса карда метавонем, ки чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ ҳамчун чораи таъсиррасонӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия, судҳо ва шахсони мансабдори онҳо нисбати шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳои қонунии худ, пешгирии амалҳои ғайриқонунӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектони ҳуқуқвайронкунӣ нигаронида шуда, намудҳои гуногун дорад.

Олими ватанӣ Х.О. Ойев чунин мешуморад, ки вобаста ба объекти таъсиррасонӣ маҷбурсозӣ ба намудҳои равонӣ (психологӣ), моддӣ, ташкилӣ ва ҷисмонӣ ҷудо мешавад [14, с. 343-344].

Инчунин олимон маҷбурсозии қонунӣ ва ғайриқонуниро низ фарқ мекунанд.

Ба андешаи олими рус Д.Н. Бахрах маҷбурсозии ҳуқуқӣ қисми асосии маҷбурсозии қонунӣ мебошад. Он ба меъёрҳои ҳуқуқӣ асос ёфта, намудҳо ва тартиби татбиқи маҷбурсозиро муқаррар мекунад [6, с. 197].

Бояд зикр намуд, ки нигоҳи олимону муҳаққиқон нисбат ба таснифи чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ гуногун мебошад.

Муҳаққиқи рус А.Н. Крамник таснифи дигари низоми чораҳои маҷбурсозиро пешниҳод кардааст. Ба андешаи ӯ, чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ дар чораҳои огоҳкунанда, пешгирикунанда, табобати маҷбурӣ, таъмини пешбурди мурофиавии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҷавобгарии маъмурӣ ва барқароркунандаи маъмурӣ ифода мегардад [13, с. 18].

Ба андешаи мо ҷудо кардани чораҳои табобати маҷбурӣ ҳамчун шакли алоҳидаи чораи маҷбурсозии маъмурӣ зарурат надорад. Зеро вобаста ба мақсад ва ҳадафи пешбинишуда, чораи мазкур ҳамчун чораи огоҳкунанда ё пешгирикунанда бояд эътироф карда шавад. Муаллиф бо дарназардошти он, ки чораҳои табобати маҷбурӣ ба чораҳои пешгирикунандаи маъмурӣ тааллуқ доранд, қайд мекунад, ки на ҳама чораҳои табобати маҷбурӣ (табобати маҷбурии шахсони гирифтори бемории руҳӣ) ба сифати чораҳои пешгирикунанда баромад менамоянд. Аз ин ҷо хулоса кардан мумкин аст, ки аксарияти онҳо чораҳои пешгирикунанда мебошанд, зеро онҳо ба пешгирии оқибатҳои манфии ҳуқуқвайронкуниҳо нигаронида шудаанд. Вобаста ба ин, зарурати ҷудо намудани чораҳои табобати маҷбуриро ҳамчун гурӯҳи алоҳидаи чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ вуҷуд надорад.

Вобаста ба мақсад ва тарзи таъсиррасонӣ маҷбурсозии маъмурӣ ба намудҳо ё ба таври дигар гӯем ҳамчун низоми чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ тасниф мегардад. Низоми чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ иборат аст аз:

– чораҳои огоҳсозии маъмурӣ;
– чораҳои пешгирии маъмурӣ;
– чораҳои барқарорсозии маъмурӣ;
– чораҳои таъмини мурофиавии пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ;
– чораҳои ҷазои (ҷавобгарии) маъмурӣ.

Дар қонунгузории маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус асосан ба чораҳои ҷазои маъмурӣ ва таъмини мурофиавии пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дода шудааст. Масалан, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳиро ба сифати яке аз намуди ҷазоҳои асосии маъмурӣ эътироф кардааст [1].

Аз рӯи меъёри қонунгузории маъмурӣ ҷазои огоҳӣ дар шакли хаттӣ ва бо тартиби муқаррарнамудаи моддаҳои дахлдор татбиқ карда мешавад. Аммо таҳлили қонунгузории амалкунандаи маъмурӣ нишон медиҳад, ки дар се моддаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии

Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳӣ ҳамчун ҷазои мутлақо муайян (моддаҳои 230, 317 қисми 1, 338 қисми 1) ва дар шаш моддаи дигар ҳамчун ҷазои алтернативӣ (моддаҳои 259 қисми1, 340 қисми 1, 462 қисми 1, 497 қисми 1, 499 қисми 1, 689 қисми 1) пешбинӣ гардидааст.

Дар ҳамин асос, мо андеша дорем, ки қонунгузории маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи муқаррар намудани чораҳои пешгирӣ диққат надодааст. Зарур мешуморем, таҷрибаи қонунгузории хориҷиро вобаста ба масъалаи мазкур баррасӣ намоем.

Масалан, дар асоси меъёрҳои Кодекси Ҷумҳурии Белорус оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шахсе, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир кардааст, бо мақсади пешгирии содир намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ, чораҳои пешгирикунанда, ба монанди сарзаниши шифоҳӣ, огоҳӣ ва чораи таъсири тарбиявӣ дошта (нисбат ба ноболиғон) муқаррар карда шудааст [2].

Ҳамин тавр аз таҳлили масъалаи мазкур ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст: Аввалан огоҳӣ на ба сифати ҷазои маъмурӣ, балки ҳамчун чораи пешгирии маъмурӣ бояд баромад намояд. Зеро нисбати субъектоне, ки бори аввал ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ роҳ медиҳанд ва дар ҳаракатҳои онҳо қасди содир кардани чунин амалҳо дида намешавад, беҳтар аст чораҳои пешгирикунанда татбиқ карда шаванд.

Дуюм маҷбурсозии маъмурӣ дар идоракунии давлатӣ ба сифати яке аз механизми зарурии баамалбарории фаъолияти мақомоти давлатӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷамъиятӣ баромад менамояд.

Сеюм дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати мушаххас гардонидани чораҳои пешгирикунанда ва ҷазои маъмурӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба миён омадааст.

**_ПАЙНАВИШТ_**:


1. *Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, № 455. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрас: URL:http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 12.02.2025).*
2. *Кодекс Республики Беларусь об административных правонарушениях от 6 января 2021 года № 91-З // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрас: https://pravo.by/document/?guid (санаи муроҷиат: 22.02.2025).*
3. *Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 // Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст. Сомонаи маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат 20.01.2025).*
4. *Алексеев С.С. Социальная ценность права в советском обществе / С.С. Алексеев. – Москва: Юрид. лит., 1971. – 223 с.*
5. *Ардашкин В.Д. О принуждении по советскому праву / В.Д. Ардашкин // Советское государство и право. – 1970. – № 7. – С. 33–39.*
6. *Бахрах Д.Н. Административное право / Д.Н. Бахрах. – Москва: БЕК, 1997. – 652 с.*
7. *Бахрах Д.Н., Россинский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право. Учебник для вузов. – Москва: НОРМА, 2005.– 800 с .*
8. *Веремеенко И.И. Механизм административно-правового регулирования в сфере охраны общественного порядка: в 2-х ч. / И.И. Веремеенко. – Москва: ВНИИ МВД СССР, 1981–1982. – Ч.1: Предмет и понятие, 1981. – 111 с.*
9. *Веремеенко И.И. О классификации мер административного принуждения / И.И. Веремеенко // Вестник Московского университета. Сер. 12: Право. - 1970. № 4. – С. 73–79.*

**10.** *Еропкин М.И. О классификации мер административного принуждения / М.И. Еропкин // Вопросы административного права на современном этапе. – Москва: Госюриздат, 1963. – 68 с.*
**11.** *Иброҳимов С.И. Намудҳои асосии назорати судӣ дар соҳаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / С.И. Иброҳимов // Контрол ва назорат дар соҳаи идоракунии давлатӣ, проблемаҳо ва роҳҳои такмил. – Душанбе, 2017. – С.137 – 139.*
**12.** *Козлов Ю.М., Попов Л.Л. Административное право России / Ю.М. Козлов, Л.Л. Попов. – Москва: Юристъ, 1999. – 320 с.*
**13.** *Крамник А.Н. Административно-правовое принуждение / А.Н. Крамник. – Минск: Тесей, 2005. – 208 с.*
**14.** *Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2013. – 564 с.*
**15.** *Раззоқов Б.Ҳ. Ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон: Курси мухтасари лексионӣ барои бакалаврҳо. – Душанбе: Озар, 2013. – 198 с.*
**16.** *Санавваров Ғ.Б., Шукуров Н. Табиати ҳуқуқии назорати маъмурӣ [Матн] / Ғ.Б. Санавваров, Н. Шукуров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ – Хуҷанд, 2020. – №2 (83) – С. 110–120.*
**17.** *Сафоненков П.Н. Административное убеждение и принуждение как методы государственного управления / П.Н. Сафоненков // Финансовое право и управление. 2017. №2. С.1-12. DOI: 10.7256/2454-0765.2017.2.18651 URL: https://nbpublish.com/library_read_article.php?id=18651*
**18.** *Старилов Ю.Н. Общее административное право: учебник / под ред. Ю.Н. Старилова. — Воронеж: Изд-во Воронеж. гос. ун-та, 2007. — 848 с.*
**19.** *Тарасов И.Т. Лекции по полицейскому (административному) праву. Т.2. – Москва, 1910.– 269 с.*
**20.** *Фиалковская И.Д. Методы государственного управления: вопросы теории: Монография / И. Д. Фиалковская. — Казань : Бук, 2019. — 174 с.*
**21.** *Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ. – Душанбе: Илм, 2017. – 496 с.*
**22.** *Маводи электронӣ. https://khovar.tj/rus/2025/02/press-konferentsiya-v-2024-godu*
**23.** *Маводи электронӣ. https://avesta.tj/2024/08/07/v-tadzhikistane-v-pervom-polugodii-2024-goda.*

## *REFERENCES:*

1. *Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated December 31, 2008, N 455. // Centralized Legal Information Database of the Republic of Tajikistan "Adlia". Form 7.0. [Electronic resource]. Available source: URL:http://www.adlia.tj (date of appeal: 12.02.2025).*
2. *Code of the Republic of Belarus on Administrative Infraction from January 6, 2021 N 91-Z // [Electronic resource]. Available source: https://pravo.by/document/?guid (date of appeal: 22.02.2025).*
3. *Concept of Legal Policy of the Republic of Tajikistan for 2018-2028 // Approved by the Decree of the President of the Republic of Tajikistan dated February 6, 2018, N 1005. The website of the National Legislative Center under the President of the Republic of Tajikistan. [Electronic resource]. Access source: http://www.mmk.tj (date of appeal: 20.01.2025).*
4. *Alekseev S.S. The Social Value of Law in Soviet Society. - Moscow. He walked. lit., 1971.- 223 pp.*
5. *Ardashkin V.D. On Coercion of Soviet Law //Soviet state and law. 1970. - N 7. - PP. 33-39.*
6. *Bahrah D.N. Administrative Law. - Moscow: BEK, 1997. - 652 pp.*
7. *Bakhrach D.N., Rossinsky B.V., Starilov Y.N. Administrative Law. Textbook for Universities. - Moscow: Publishing house NORMA, 2005. - 800 pp.*

*8. Veremeenko I.I. Mechanism of Administrative Law Regulation in the Sphere of Public Order Protection: p. 2 h. / I.I. Veremeenko. - Moscow: VNII Ministry of Internal Affairs of the USSR, 1981-1982. - Vol. 1: Subject and concept, 1981. - 111 pp.*
*9. Veremeenko I.I. On Measure Classification of Administrative Coercion // Bulletin of Moscow University. Series 12. Right. 1970. N 4. - PP. 73-79.*
*10. Eropkin M.I. On Measure Classification of Administrative Coercion // Questions of administrative law at the current stage. - Moscow: State publishing house, 1963. - 68 pp.*
*11. Ibrahimov S.I. The Main Types of Judicial Control in the Sphere of Public Administration of the Republic of Tajikistan // Control and supervision in the sphere of public administration, problems and ways of improvement. – Dushanbe, 2017. – PP.137 – 139.*
*12. Kozlov U.M., Popov L.L. Administrative Law of Russia. –Moscow: Jurist, 1999. – 320 pp.*
*13. Kramnik A.N. Administrative Legal Coercion / A.N. Kramnik. – Minsk: Tesey, 2005. – 208 pp.*
*14. Oyev Kh. Administrative Law of the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2013. – 564 pp.*
*15. Razzokov B.H. Administrative Law of Tajikistan: A Brief Lecture Course for Bachelors. – Dushanbe: Ozar, 2013. – 198 pp.*
*16. Sanavvarov G.B., Shukurov N. Legal Nature of Administrative Control [Text] / G.B. Sanavvarov, N. Shukurov // News of DDHCBST. Series of social sciences - Khujand, 2020. - N 2 (83) - PP. 110–120.*
*17. Safonenkov P.N. Administrative Persuasion and Coercion as a Method of Government Administration // Financial law and administration. 2017. N2. PP.1-12. DOI: 10.7256/2454-0765.2017.2.18651 URL: https://nbpublish.com/library _read_article.php?id=18651*
*18. Starilov Y.N. General Administrative Law: textbook / under the editorship of Y.N. Starilova. — Voronezh: Publishing house Voronezh state University, 2007. - 848 pp.*
*19. Tarasov I.T. Lecture on Police (administrative) law. V.2. - Moscow, 1910. - 269 pp.*
*20. Fialkovskaya I.D. Methods of State Administration: theoretical questions: Monograph / I. D. Fialkovskaya. - Kazan: Buk, 2019. - 174 pp.*
*21. Hasanov S., Hasanov M. Theory of the State and Law. Textbook, Dushanbe: Ilm, 2017. - 496 pp.*
*22. Electronic resource. https://khovar.tj/rus/2025/02/press-konferentsiya-v-2024-godu*
*23. Electronic resource. https://avesta.tj/2024/08/07/v-tadzhikistane-v-pervom-polugudii-2024-goda.*